## 5.8. [13.00.00] ПЕДАГОГИКА
## 5.8. [13.00.00] ПЕДАГОГИКА
## 5.8. [13.00.00] PEDAGOGY

5.8.1. [13.00.01] ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ,ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ
5.8.1. [13.00.01] ОБЩАЯ ПЕДАГОГИКА, ИСТОРИЯ ПЕДАГОГИКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
5.8.1. [13.00.01] GENERAL PEDAGOGICS,THE HISTORYOFPEDAGOGYAND EDUCATION

*ТДУ 372*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-59-67*

### *АФЗАЛИЯТНОКИИ НИЗОМИ МУОСИРИ ТАҲСИЛ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ УСТУВОРИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

***Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода,*** *доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав(Тоҷикистон, Бохтар)*

### *ПРИОРИТЕТНОСТЬ СОВРЕМЕННОЙ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН*

***Миралиён Киёмиддин Абдусалимзода,*** *доктор политических наук, профессор кафедры политологии Бохтарского государственного университета им. Н.Хусрава (Таджикистан, Бохтар )*

### *THE PRIORITY OF THE CONTEMPORARY SYSTEM OF EDUCATION IN THE CONDITIONS OF SUSTAINABILITY OF SECTOR OF EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

***Miraliyon Kiyomiddin Abdusalimzoda,*** *Doctor of Political Sciences, Professor of the Department of Political Sciences of Bohtar State University named after N.Khusrav, (Tajikistan, Bohtar),*
***E-mail:***qmiraliyon@gmail.com

***Вожаҳои калидӣ***: *низоми анъанавии таҳсил, низоми муосири таҳсил-кредитӣ, таҳсилоти кредитӣ, рушди устувор, таҳсилоти олии касбӣ, низоми тестӣ, мутобиқат ба низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ*

*Мақолаи таҳлилии мазкур ҳамчун посух – роҳи муносиби ҳалли баҳсу мунозираҳо ва муҳокимаҳои зиёд, ки атрофи низоми таҳсили анъанавӣ ва муосир ё кредитӣ ҷой доранд, асос мегирад. Зимнан, ин масъала ҳамчун зарурати ташаккули низоми миллии таҳсилот ва баррасии асосҳои сиёсӣ ва идоракунии он зимни Дарси сулҳ (01.09.2023) аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ гардид, ки саривақтӣ будани мақолаи мазкурро инъикос менамояд. Истифодаи мақола ба масъулони соҳаҳои маориф, илм ва таҳсилоти олии касбӣ тавсия мегардад.*

***Ключевые слова***: *традиционная система образования, современная (кредитная) система образования, кредитная система образования, устойчивое развитие, высшее профессиональное образование, система тестов, адаптация к всемирной системе образования*

*В данной аналитической статье представлены возможные пути решения споров и дискуссий вокруг современной и традиционной систем образования. Данный вопрос в качестве актуального для формирования национальной системы образования и рассмотрения ее политических и управленческих основ представлен в Уроке мира (01.09.2023) со стороны Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, что отражает своевременность настоящей статьи. Рекомендуется ответственным лицам, секторам образования, науки и учреждениям высшего профессионального образования.*

***Key words:*** *traditional education system, contemporary education system, credit system education, education, training, sustainable development, higher professional education, test system, the world education system fit.*

*This analytical article is presented as a review of suitable ways to resolve disputes and discussions around modern and traditional education systems. Consequently, this issue as the relevance of the formation of the national education system and consideration of its political and managerial foundations is presented in the Lesson of Peace (01.09.2023) by the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, his excellency Emomali Rahmon, which reflects the timeliness of this*

*article. The article is recommended to responsible persons, sectors of education, science and institutions of higher professional education.*

Пеш аз ҳама зарур аст, ки тавзеҳоти мавзӯъ ва ё мафҳумҳои алоқаманд барои дарки аҳамиятнокии масъала чунин муайян карда шаванд.

Низоми анъанавии таҳсил – ин тарзу услуб ва тартиби таҳсил дар даврони ҳукмронии собиқ давлати Шӯравӣ ва солҳои аввали бадастории истиқлоли давлатӣ арзёбӣ мегардад.

Низоми муосири таҳсил – ин низомро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) низоми Болонии таҳсил ва 2) низоми кредитии таҳсил.

Низоми болонии таҳсил – консепсия, ки оид ба фазои ягонаи таҳсилот дар байни давлатҳои Аврупо дар асоси декларатсияи соли 1999 дар Донишгоҳи Болон қабул шудааст. Системаи Болонии таҳсил асосан ба таҳсилоти олии касбӣ робита дошта, аз ду зина бакалавр бо 4 соли таҳсил ва магистр бо 2 соли таҳсил иборат буда, ба донишҷӯ имконияти мустақилона тағйир додани ихтисоси худро фароҳам меорад, яъне донишҷӯ зинаи бакалаврро бо як ихтисос хатм намуда, дар зинаи магистратура метавонад ихтисоси худро тағйир диҳад [1].

Низоми кредитии таҳсил – усули ташкили ҷараёни таҳсиле, ки дар он таълимгиранда имконияти то ҳадди муайян банақшагирии пайдарпайии барномаҳои таълимиро дорад.

Кредит – воҳиди ченаки ягонаи арзёбии ҳаҷми фаъолияти таълимии таълимгиранда ва омӯзгор мебошад; яъне, ченаки баҳодиҳии фаъолнокии донишҷӯ [2].

Дар зинаи маълумоти олӣ, ин низом, низоми дузинагӣ (бакалавр ва магистр) ном гирифта мешавад.

Низомҳои Болонӣ ва кредитии таҳсил ба ҳам монандӣ доранд, аммо ба назари мо онҳо дар алоҳидагӣ гуногунҷанба мебошанд, низоми Болонӣ хоси сиёсати маорифи Аврупо буда, низоми кредитиро ҳамчун барномаи муосири таҳсил, аз ҷумла таҳсили рақамӣ тақозои ҷомеаи ҷаҳон – хоси ҳамаи кишварҳо арзёбӣ карда мумкин аст.

Таъсири устод (субъективӣ) – ин амал ва ё тартибест, ки зимни низоми анъанавии таҳсил ҷараён мегирад ва он иборат аст, аз 1) вобастагии доимии донишҷӯ ба ирода, нуқтаи назар, хулоса ва қарорҳои нисбатан мустақилонаи омӯзгор, 2) таъсиррасонии (ҳукмфармоии) омӯзгор нисбат ба донишҷӯ дар ҷараёни соатҳои дарсӣ ва санҷишу имтиҳонҳо. Яъне, ба назари мо дар шароити муосири таълим, ки формулаи *«система+субъект=донишҷӯ»* тақозо мегардад, вайрон шуда, шакли худро куллан чунин иваз мекунад ***–«субъект+система=донишҷӯ»,*** яъне низоми таълим хусусияти субъективӣ мегирад.

Иштироки донишҷӯ дар раванди таълим – имкониятест, ки ба донишҷӯ ҷиҳати талаб кардан ва ё таъсир расонидан ба раванди таҳсили худ шароит фароҳам меорад. Яъне, донишҷӯ вобаста ба малака, дониш, маҳорат ва ё иродаи далелноки хеш метавонад самти таҳсили худро тағйир диҳад, донишгоҳ ё ихтисосро иваз кунад ва ё татбиқи усулҳои инноватсиониро дар ҷараёни таҳсил аз омӯзгор тақозо намояд;

Усулҳои интерактивӣ ва инноватсионӣ – гурӯҳи методҳои таълимие мебошанд, ки дар шароити рушди илму техника ва технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун василаи таълимӣ амалӣ мегарданд. Ин усулҳо ҳавасмандӣ ва шавқмандии донишҷӯёнро ба омӯзиши фанҳо зиёд намуда, барои ҳамгироии онҳо ба бозори меҳнат заминаҳои мусоидро ташаккул медиҳад.

**Ҷузъиёти низоми кредитии таҳсил.**Барои равшании масъала низоми кредитии таҳсилро ҳамчун объекти муҳим дар алоҳидагӣ баррасӣ менамоем.

Чи тавре аз мафҳуми низоми кредитӣ бармеояд, **он усули таълимиест, ки дар ҷараёни таҳсил ба таълимгиранда имконияти мустақилона банақшагирии омӯзиши пайдарпайи барномаҳои таълимиро (фанҳоро) пешниҳод менамояд**. Яъне, ин имкониятест, ки ба довталаби дониш хос ва хеле муҳиму дастрас бо фарогирии дараҷаи баланди озодии академӣ (дар омӯзиши фанҳо), мустақилии мутаносуби донишҷӯ дар таълим, доимо инкишофдиҳии тарзу усулҳои тадрис аз ҷониби омӯзгор, дар ҷустуҷӯи доимии дониш будани таълимгиранда, муҳтавои инноватсионӣ доштани барномаҳои таълимӣ. Зимнан, назари мо ин аст, ки низоми анъанавӣ ин имкониятҳоро фаро намегирад.

Дар ин низом як кредит ба 30 соати академӣ баробар аст; як соати академӣ бошад, 50 дақиқаро дар бар мегирад. 1 кредит = 24 соат, 1 соат = 50 дақиқа. Аммо дар низоми анъанавӣ, 1 соати академӣ ба 80 дақиқа баробар аст, яъне 30 дақиқа бештар нисбат ба низоми кредитӣ.

Тибқи талаботи ECTS (системаи аврупоии интиқол ва ҷамъоварии кредитҳо) дар як соли таҳсил (36-40 ҳафта) бояд 60 кредит ҷамъоварӣ карда шавад, яъне 1800 соати академӣ (1500

соат); дар 3 соли бакалавриат – 180 кредит (5400 ст. ак. / 4500 ст.), 4 соли бакалавриат – 240 кредит (7200 ст. ак. / 6000 ст.) ва 2 соли магистратура 120 кредит (3600 ст. ак. / 3000 ст.).

Ҳамин таносуб дар низоми анъанавӣ дар як соли таҳсил (36-40 ҳафта) 1800 соати академӣ (2400 соат); дар 3 соли таҳсил - 5400 ст. ак./7200 ст., 5 соли таҳсил 9000 ст. ак./12000 ст.

Яъне, барои гирифтани маълумоти олӣ тибқи низоми анъанавӣ 12000 соат лозим мегардад, дар ҳоле ки тибқи низоми кредитӣ – 6000 соат, як баробар (-100%) кам вақт лозим мегардад. Зимнан, бо гирифтани маълумоти олии магистрӣ, яъне **дар 6 сол – 9000 соат** лозим мегардад, ки он низ, нисбат ба **5 соли низоми анъанавии таҳсил** 3000 соат кам мебошад.

Ба назари мо, аз таҳлили боло бармеояд, ки низоми анъанавии таҳсил вақт, мувофиқан қувва ва маблағи (як баробар) зиёд талаб намуда, дар ин баробар ба довталаб фурсати истироҳат ва ё барқароркунии неруи зеҳнӣ фароҳам намеорад. Дар ҳолате, ки **тибқи низоми муосири таҳсил на танҳо вақту маблағ сарфа мегардад, балки донишҷӯ имконияти интихоб дорад, ҳамчунин ин низом донишҷӯро ба тағйир додани тамоюли касбӣ дар ҷараёни таҳсил водор месозад ва албатта, дар сурати гузаштан ба дигар равияи касбу донишандӯзӣ кредитҳои ӯ нигоҳ дошта (ба ҳисоб гирифта) мешавад**, яъне дар аксар ҳолат адолат таъмин карда мешавад.

**Баҳогузорӣ дар низоми кредитӣ.**Низоми кредитӣ – консепсия ё идеяи ташкилёбии ин низом ба баҳогузории адолатноки давомоти таълимгиранда (ва омӯзгор) бо услуби ҷамъоварии пайдарпайӣ ё даврагӣ ва ё мунтазамии нишондодҳои муайян (холҳо) асос меёбад.

Дар низоми кредитӣ низоми рейтинги баҳогузорӣ бо ченаки 100 хол дар як соли таҳсил аз як фан муқаррар карда шудааст. Зимнан, ин муносибат ҳамчун рейтинги академии донишҷӯ арзёбӣ карда мешавад, ки он аз нишондодҳои миқдории (омории) сатҳи азхудкунии барномаҳои таълимӣ ё фанҳо иборат аст.

Нишондиҳандаҳои асосии донишҷӯ, ки мавриди баҳогузорӣ қарор мегирад, ин дониш, маҳорат, малака ва салоҳиятнокӣ мебошад, ки давоми ҳар соати таълимӣ аз ҷониби омӯзгор ба ҳисоб гирифта мешавад ва дар фосилаҳои ҷамъбастӣ (давраҳои рейтингӣ) давомоти донишҷӯ маҷмӯан баррасӣ ва тасдиқ карда мешаванд [3].

Дар низоми анъанавӣ аз 4 нишондиҳандаи асосӣ танҳо 1 нишондиҳанда-дониш фаро гирифта мешавад.

Аз ин ҷо андеша мегардад, ки **низоми муосири таҳсил, дар асл аз лиҳози сифатӣ фарогир буда, ба шахс ҷиҳати роҳёбӣ дар бозори меҳнат заминаҳои муфид фароҳам меорад**.

**Ҳукмфармоии андешаҳои носаҳеҳ нисбат ба низоми муосири таҳсил.** Дар байни ҷомеа, ҳамчунин гурӯҳи омӯзгорон ва амалдорон вобаста ба арзишмандии дипломи бакалавриат (4 сол), магистратура (2 сол) ва мутахассиси 5-солаи анъанавӣ баҳсҳои зиёд ҷой доранд, ки онҳо бо инобати тавзеҳоти поён носаҳеҳ ва ё беасос арзёбӣ мегарданд.

1. Тибқи низоми анъанавӣ – таҳсил 5 сол, дараҷаи маълумоти олӣ, мутахассис, имконияти кор дар ҳама зинаҳо ба истиснои соҳаи тиб;
2. Тибқи низоми муосир:

a. Бакалавриат – таҳсил 4 сол, дараҷаи 1-уми маълумоти олӣ, мутахассис, имконияти кор дар ҳама зинаҳои амалӣ ба истиснои соҳаҳои омӯзгорӣ ва тиб;
b. Магистратура – таҳсил 2 сол, дараҷаи 2-юми маълумоти олӣ, мутахассис, имконияти кор дар ҳама зинаҳои назариявию амалӣ.

Яъне, дар умум вобаста ба мақоми ҳуқуқӣ байни низоми анъанавӣ ва муосир фарқияти куллӣ дида намешавад, ҳар ду низ, мутахассис омода мекунанд. Аммо имкониятҳо дар байни низомҳои бакалавриат ва магистр ҷой доранд, хатмкунандагони бакалавриат ба сифати омӯзгор, табиб ва ё корманди илмӣ фаъолият карда наметавонанд, барои ин зарур аст, ки таҳсилро идома дода, зинаи магистриро низ, бо омӯзиши амиқи ихтисоси интихобкарда хатм намоянд.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» **бакалавр** – шахси дорои **дараҷаи аввали таҳсилоти олии** касбие, ки доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, маҳорат ва малакаи касбиро соҳиб шудааст ва **магистратура** – **дараҷаи дуюми таҳсилоти олии** касбие, ки ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ пас аз супоридани имтиҳонҳои давлатӣ ё ҳимояи рисолаи магистрӣ дипломи намунаи давлатиро медиҳад.

Яъне, қонунгузорӣ таҳсилоти олии касбиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст, дараҷаи якум – бакалавр ва дараҷаи дуюм – магистратура.

Аммо ба назари мо ин гурӯҳбандӣ мақоми поёну боло ва ё якуму дуюм надошта, он бо мақсади ташкили низоми сарфакорона ва муносиби таҳсил, сарфаи вақт ва муайян (дарк) кардани афзалиятнокии интихоб ба роҳ монда шудааст.

Зимнан, тибқи таҳлилҳои илмӣ дар муносибатҳои идоракунӣ се гурӯҳи одамон (хизматчиён, масъулон) муайян шудаанд, 1) эҷодкорон-8%, 2) воридсозон (амалдорон)-32% ва 3) амалисозон (иҷрокунандагон)-60%. Зимнан, дар китоби таълимии муҳаққиқони ватанӣ - «Сотсиологияи идоракунӣ» оварда шудааст, ки: «*Хусусиятҳои эҷодии инсон аз имкониятҳои эҷодӣ вобастагӣ доранд, ки онҳо дар навбати худ ба қобилиятҳои модарзодӣ ва маҳсулшуда, инчунин маълумоти психологӣ, физиологӣ ва иҷтимоӣ асос меёбанд. Тибқи маълумоти таҳлилӣ дар ҳар як ташкилот ҳудудан 7–8% кормандон маҳорати таҳия кардан, навоварӣ ва ташаббускорию тавлиди идеяҳои наву созандаро доранд ва дар навбати худ, неруи эҷодӣ ва ё захираи зеҳнии ташкилот ба ҳисоб меравaнд (гурӯҳи эҷодкорон). 30–35% кормандон бошанд, соҳиби малакаи воридсозӣ ва коркарди идеяҳо мебошанд, ки дар ҷараёни баррасӣ бо дониш ва имкониятҳои зеҳнии худ метавонанд ба ҳар як идея саҳми муносиб гузоранд (гурӯҳи воридсозон). 60% кормандон бошад, идеяҳои тавлидшуда ва пешниҳодшударо зимни татбиқ қарор медиҳанд, яъне иҷрокунандагони бевосита мебошанд (гурӯҳи амалисозон)»* [4].

Илова бар ин, тибқи таҳлилҳо ва аслияти низоми кредитии таҳсил **бакалавриат**-дараҷаи маълумоти олиест, ки 4 сол давомнокӣ дошта, дар ин муддат шахс соҳиби ихтисоси интихобкардаи худ мегардад. Сипас, агар хоҳиши такмили асосҳои назариявию илмӣ ва методологии ихтисоси худро дошта бошад ва ё хоҳиши тағйир додани ихтисоси худро (омӯзиши дигар ихтисосро) дошта бошад, метавонад таҳсилро дар зинаи **магистратура**, ки 2 сол муҳлат дорад, давом диҳад [5].

Хулоса мегардад, ки низоми кредитии таҳсил ба зинаҳои якум ва дуюм ҷудо нашуда, тартиби дурусти он, ба назари мо, чунин аст: маълумоти олии дараҷаи бакалавр ва маълумоти олии дараҷаи магистр, ки ҳар ду маълумоти дараҷаи олӣ буда, бартариятҳои ба худ хос доранд.

Аз тарафи дигар, дар сурате, ки аксарият маҳорат, иқтидор ва ё майли фаъолияти илмӣ, таҳлилӣ, эҷодӣ ва назариявӣ надоранд, пас зарурати хароҷоти маблағ ва вақти зиёд нест, кифоя он аст, ки ин гурӯҳи одамон зинаи бакалаврро хатм карда, ба фаъолияти касбӣ (амалия) шурӯъ намоянд. Аммо шахсоне, ки ба гурӯҳи эҷодкорон ва амалдорон дохил мешаванд, зарур аст, ки таҳсилро дар зинаи магистратура идома дода, ба умқи ихтисоси худ ворид шуда, асосҳои назариявӣ, методологию эҷодӣ ва пешбарии фаъолияти ояндаи худро омӯзанд.

Дигар масъала он аст, ки шахсони дорои дипломи дараҷаи олии низоми анъанавии таҳсил имкон надоранд, ки дар аксари кишварҳои хориҷӣ аз рӯи ихтисоси худ кору фаъолият ва ё идомаи таҳсил намоянд.

Яъне, ба андеша мо имрӯз танҳо **низоми муосири таҳсил роҳатафзо буда, ба шаҳрвандон ҷиҳати кору фаъолият ва такмили донишу ихтисос дар кишвар ва хориҷ аз он имконият фароҳам меорад**.

Чанде «омили манфӣ».Дар байни ҷомеа, аз ҷумла омӯзгорони муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ нисбат ба камаҳамиятӣ ва ё зиёновареи низоми муосири таҳсил чанде омилу далелҳо ва ё «омилҳои манфӣ» ҷой доранд ва ё баррасии онҳо мушоҳида мегарданд, ки албатта таҳмилӣ ва ё боркардашуда арзёбӣ мегарданд.

Маҳаки ин **нигаронӣ**, - ҳамчун нуқтаи назари гурӯҳи омӯзгорон, дар он аст, ки новобаста аз ҷорӣ шудани низоми кредитии таҳсил ҳамоно 1) сатҳи дониш ва ё фаъолнокии донишҷӯён мутаносибан (нисбат ба даҳсолаҳои гузашта ва ё дигар кишварҳо) паст мебошад, 2) таваҷҷуҳ ва ё завқмандии аксари донишҷӯён оид ба азхудкунии барномаҳои таълимӣ (фанҳо) хеле паст аст, 3) обрӯю нуфуз ва эҳтироми омӯзгор дар байни донишҷӯён дар қиёс ба давраҳои гузашта (зимни ҷорӣ будани низоми анъанавии таҳсил) паст гаштааст, 4) донишҷӯ ҳанӯз аз давраи мактабӣ камсавод дохил мешавад.

Зимнан, тибқи мушоҳидаҳо пайдоиши ин омилҳоро гурӯҳи муайяни омӯзгорон ба 1) ноустувории низоми муосири таҳсил, аз ҷумла 2) аз байн рафтани механизми таъсиррасонии омӯзгор (субъект) ба донишҷӯ асоснок мекунанд (сабаб медонанд), - албатта, назари мо бар он аст, ки ин андешаҳо нодуруст мебошанд.

Сабаби асосӣ, ба андешаи мо, мутаассифона омили иҷтимоии психологӣ ва коррупсионӣ дошта, на ба низоми муосири таҳсил ҳамчун система, балки ба инсон ва рафтору кирдори

номуносиби ӯ вобастагӣ дорад. Барои тавзеҳоти хулосаи (назари) мазкур, сараввал сохти (схемаи) фаъолияти (баҳогузории) системаи муосири таҳсилро баррасӣ менамоем.




Акнун ин се қадами дар тарҳи (схемаи) боло нишондодашударо тавзеҳ медиҳем.

**Қадами 1.** Чи тавре дида мешавад, тибқи низоми муосири таҳсил давомоти донишҷӯ на давра ба давра, балки ҳар соат аз ҷониби устод баҳогузорӣ гардида, дарҳол ҷойгир кардани натиҷаи баҳои рӯз дар маҳзани рақамӣ ва ё фазои маҷозӣ (сомона, Интернет) тақозо мегардад. Ин имкон медиҳад, ки таъсири субъективӣ дарҳол бартараф гардида, натиҷаи азхудкунии маводи таълимӣ ва ё ҷамъоварии кредит тариқи электронӣ тасдиқ карда шавад, ки тағйир додани минбаъдаи он (чи аз ҷониби устод ва чи донишҷӯ) имконнопазир аст.

**Қадами 2.**Таҳкурсии баҳогузории давомоти донишҷӯ ва ё фаъолгардонии ӯ аз лаҳзаҳои аввали омӯзиш ба техника (компютер) вобаста (сабт) карда шуда, минбаъд дар баҳогузории фосилавӣ ва ё ҷамъбасти сол онҳо (баҳоҳои сабтгардида) асос гирифта мешаванд, яъне таъсири субъективӣ пурра бардошта мешавад.

**Қадами 3.** Имтиҳони ҷамъбастӣ тариқи тестӣ дар асоси саволҳои (ҷавобҳои) аз ҷониби устод ба маркази тестии донишгоҳ пешниҳодшуда ва дар системаи тестӣ ҷойгиршуда амалӣ мегардад. Яъне, дар ин ҷо низ, донишҷӯ бо компютер сабқати дониш карда, аз субъект (омӯзгор) вобастагӣ надорад.

Дар инҷо бояд зикр намуд, ки аз 100 холе, ки ҳамчун кредит бояд донишҷӯ аз ҳар як фан ба даст орад, ба *қадами 1* ва *қадами 2* – 50 хол ва ба *қадами 3* – 50 хол муқаррар карда шудааст. Яъне, нисфи кредитро донишҷӯ ҳамзамон ҳангоми таҳсил ба даст оварда, нисфи дигарашро ҳамчун санҷиш ва ё имтиҳон дар охири давраи таҳсил ҳимоя мекунад. Ин принсип боз ҳам таъсири субъективиро дур карда, масъулияти тарбияро (қарорқабулкуниро) ба ду қисм (омӯзгор ва донишгоҳ) ҷудо мекунад.

Баррасии «омилҳои манфӣ»-и низоми муосири таҳсил:

*1) сатҳи дониш ва ё фаъолнокии донишҷӯён мутаносибан (нисбат ба даҳсолаҳои гузашта ва ё дигар кишварҳо) паст мебошад.*

Ба назари мо сабаб низоми кредитии таҳсил ва ё система набуда, балки худи инсон аст: якум ин ки, ҷорӣ кардани ҷузъиёти низоми муосири таҳсил то ба мактабҳои миёнаи умумӣ хеле аҳамиятнок аст (ҳоло нашудааст); дуюм, - сатҳи дониши устодон оид ба истифодаи технологияи иттилоотӣ беҳбудӣ тақозо мекунад, ҳоло ҳам гурӯҳи муайян аз истифодаи компютер бархӯрдор нестанд; сеюм, - дар кишварҳои пешрафта принсипҳои амали низоми кредитии таҳсил пурра риоя карда мешаванд, мувофиқан донишҷӯён пешсафанд.

*2)таваҷҷуҳ ва ё завқмандии аксари донишҷӯён оид ба азхудкунии барномаҳои таълимӣ (фанҳо) хеле паст аст.*

Дар ҳолате, ки системаи электронии низоми кредитии таҳсил (1) бо таъсири субъект (шахсони масъул) тағйир дода шуда, ҳамчун худсохт ба манфиати шахсӣ амал мекунад, (2)

адолати баҳогузорӣ ё ҷамъоварии кредитро таъмин карда наметавонад, мувофиқан (3) ба донишҷӯи фаъол ва ҳам камфаъол баҳои баробар медиҳад, зимнан донишҷӯро руҳафтода гардонида, суръати ҳаракати донишандӯзии ӯро паст мекунад. Чунончӣ, камфаъолӣ ин мутобиқшавии инсон ба муҳит, чаҳорчӯбаи маҳдудшуда, ки қувваи иловагӣ (зеҳнӣ, ҳиссиётӣ ва ғ.) ва ё фаъолноки талаб намекунад [6]. Ҳамин тариқ, аз лиҳози психологӣ завқмандии донишҷӯ ба таври худкор (новобаста аз ирода ва хоҳишу талоши ӯ) кам мегардад ва ӯ рӯ ба камфаъолӣ меорад.

*3)обрӯю нуфуз ва эҳтироми омӯзгор дар байни донишҷӯён дар қиёс ба давраҳои гузашта (зимни ҷорӣ будани низоми анъанавии таҳсил) паст гаштааст.*

Ба назари мо рӯз ба рӯз эҳсос мегардад, ки обрӯю эътибори омӯзгор дар байни донишҷӯён мутаносибан кам гардида истодааст, аммо сабаби асосӣ ва ё камбудӣ дар донишҷӯ набуда, аз худи устод ва маъмурияти донишгоҳ маншаъ мегирад. Яъне, дар сурате, ки устод низоми принсипиалии таълиму тарбияро пурра риоя намекунад, давомоти ҳарсоатаи донишҷӯро ба инобат намегирад ва баҳо намегузорад ва ё баҳоҳоро дар маҳзани электронӣ (сомона) сабт намекунад, зимнан усулҳои анъанавии таҳсилро истифода мекунад, эҳтироми худро дар байни шогирдон аз даст медиҳад. Чунки системаи функсионалии низоми муосири (кредитии) таҳсил ба мисли занҷир пойбанди якдигар аст, дар сурати канда шудани як занҷира система пурра аз кор мемонад ва маҳз ҳамин сабаб – вайрон шудани алгоритми низоми муосири таҳсил боиси паст шудани эътибори омӯзгор дар байни донишҷӯён арзёбӣ мегардад.

Зеро, донишҷӯ – ҷавон аст ва эҳсос (аз мушоҳида) мекунад, ки роҳҳои осони супоридани санҷишу имтиҳонҳо мавҷуд аст, яъне хондан лозим нест – чун воситаи ғайридониши супоридани имтиҳонҳо мавҷуд аст, пас намехонад ва ба устод низ, муроҷиат намекунад ва ба дарсҳо низ, бе омодагӣ ҳозир мешавад; ҳамин тариқ зарурати эҳтироми устод низ, (аз лиҳози психологӣ) ба миён намеояд.

Хулоса донишҷӯ камбудӣ надорад, сабаби камфаъолии донишҷӯ ва камнуфузии омӯзгор, ин беаҳамиятии худи омӯзгор ва ҳолатҳои коррупсионии ҷорӣ мебошад.

*4)донишҷӯ ҳанӯз аз давраи мактабӣ камсавод дохил мешавад.*

Ба ин нуқтаи назар то ҷое розӣ шудан мумкин аст, аммо аз тарафи дигар вазифаи устоди муассисаи таҳсилоти касбӣ омода намудани мутахассиси касбӣ аст. Яъне, агар чунин аст, ин маънои қафо гаштан ба барномаи мактабии таҳсилро надорад, мебояд пеш рафт, бо риояи қатъии принсипҳои низоми муосири таҳсилот ба донишҷӯ таълим дод ва талаб намуд. Зимнан, донишҷӯҷавоне, ки камсаводӣ ва ё мутобиқ набудани худро эҳсос мекунад ва дар санҷиши якуми фосилавӣ холи кам мегирад, дарҳол хулосаи даркорӣ мебарорад ва ё худи система идома додани таҳсилро ба ӯ имкон намедиҳад. Албатта, ин гурӯҳи ҷавонон бе шуғл намемонанд ва ба касбҳои коргарӣ, беш аз 60% бозори меҳнат аст, мепардозанд; аз ҳама муҳим вақти худро беҳуда масраф намекунанд.

Ба маънои содатар, ба назари мо – имрӯз дигар мо фурсати ба қафо нигоҳ кардан надорем, бояд доимо пеш равем, ба фаъолияти системаи идоракунӣ, бахусус идоракунии рақамӣ, ки тақозои ҷомеаи муосир аст, монеъ нашавем.

Имрӯз мо-устодон набояд монеи пешрафт шавем, пешравӣ, навоварию ташаббусҳоро накушем, тавонем кумак расонем, агар натавонем, пас, монеъ нашуда, ба низоми ташаккулёфта итоат ва талаботи онро пурра риоя намоем. Зимнан, итминон дорам, ки эътибору эҳтироми хоссаи худро дар байни ҷавонон-донишҷӯён пайдо карда, ба фаъолгардӣ ва роҳёбии онҳо боис мегардем.

**Таҷрибаи низоми дузинагии таҳсил (кредитӣ) дар ҷаҳон.**Дар Аврупо низоми Болонии (кредитии) таҳсил амал мекунад [7], илова бар кишварҳои Аврупо ҳамчунин, дар ин низом, ҷамъ 48 кишвар шомил аст [8].

Дар ИМА низ, низоми дузинагии таҳсил аз соли 2008 инҷониб амал мекунад [9].

Яъне, дар сурате, ки **яке аз кишварҳои абарқудрат – ИМА ҳамагӣ 12 сол қабл ба низоми кредитии таҳсил гузашта** бошад, пас барои мо – кишвари дар ҳоли рушд, ин далели устуворест.

Аз ҳамсоякишварҳои мо **Қазоқистон низоми Болонии (кредитии) таҳсилро ҳанӯз соли 2010** қабул кардааст, зимнан дар минтақа индекси маълумоти олии аҳолии маҳз ҳамин кишвар пешрафта мебошад [10].

Аз инҷо, бармеояд, ки низоми кредитии таҳсил ба баланд бардоштани сатҳи худфаъолии таълимгиранда, аз ҷумла худомӯзишии ӯ ва азхудкунии бозавқ ва пурэҷоди барномаҳои таълимӣ дар асоси талаботи фардӣ, интихоби пайдарпайии таълим дар доираи тартиби

муқарраргардидаи ҷараёни таълим равона гардида, тақозои ҷомеаи муосир ва роҳбарияти олии кишвар мебошад.

Зимнан, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21.12.2021 дастур додаанд, ки: «**Вазорати маориф ва илм, вобаста ба талаботи рӯз ва рушди технологияҳои иттилоотии муосир лоиҳаи консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамиро таҳия карда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд**».

**Таҳсилоти рақамӣ ин тақозои низоми муосири (кредитии) таҳсилот аст**.

Зимнан, дар ҳамин давраи таҳлил Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [11], ки бори дигар афзалиятнокии низоми муосири таҳсилро дар ҳошияи рақамикунонии муносибатҳо инъикос мекунад. Аз ҷумла, тибқи банди 3 Фармони мазкур субъектҳое, ки хизматрасониҳои музднокро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, ҷиҳати таъмини **пайвастшавии бефосила ба шабакаи интернет ва суръати зарурии он, инчунин фаъолияти муназзам(доимӣ)-и воситаҳои электронии пардохтӣ** муваззаф гардиданд.

Чи тавре дар боло иброз гардид, ин ҳамон талаботе аст, ки аз **шаҳрвандон дониш ва малакаи кор бо технологияҳои иттилоотиро тақозо менамояд ва заминаи ин донишҳо албатта, муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла донишгоҳҳо ва низоми таҳсили муосир (кредитӣ) ба ҳисоб мераванд**; шаҳрванд ҳанӯз аз давраи таҳсили мактабӣ ва ё донишгоҳӣ бояд дар рӯҳияи татбиқи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва ё рақамӣ тарбия гардад ва ҳамқадами ҷомеаи муосир бошад, ҳамчунин аъзои оилаи худро низ, ба ҳамин раванд омода намояд.

Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.12.2022 таъкид менамоянд, ки: «*Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, **мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим** ва **тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй** мебошад*» [12].

Дар воқеъ, дар шароити имрӯзаи ташаккулёбӣ ва рушд маориф ҳамчун соҳаи тақдирсоз арзёбӣ мегардад, чун дониш таҳкурсии ҳама гуна пешрафт мебошад.

Президенти мамлакат дар Паёми дигари худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин пешниҳод менамоянд [13]:

«*..., Ҳукумати Тоҷикистон ба рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ диққати ҳамаҷониба дода, барои **ворид гардидан** <u>**ба фазои ягонаи таҳсилот**</u> **ва ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии таҳсилот** тамоми имкониятҳои худро истифода менамояд.*

***Эътирофи ҳуҷҷатҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар кишварҳои аврупоӣ** аз дастовардҳои муҳимми соҳа мебошад, ки маҳз бо иқдоми Ҳукумати мамлакат амалӣ шудаанд.*

*Минбаъд муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро лозим аст, ки **истифодаи васеи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиони**ро дар ҷараёни таълим ба роҳ монанд, **таҷрибаи байналмилалиро омӯзанд**, нақшаву **барномаҳои таълимиро ба талаботи бозори дохиливу ҷаҳонии меҳнат ва таҳсилот мутобиқ** гардонанд ва **то соли 2020 гузариш ба меъёрҳои ҷаҳонии таҳсилот**ро таъмин намоянд.*

*Соли ҷорӣ қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ бори аввал тавассути имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ дар Маркази миллии тестӣ ба роҳ монда мешавад. Мо ба ин кор дар асоси хоҳишу дархости зиёди падару модарон ва бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тарбияи кадрҳо, инчунин **пешгирӣ кардани амалҳои коррупсионӣ** дар ҷараёни имтиҳоноти қабул иқдом намудем*».

Чунончи, **ворид гардидан** <u>**ба фазои ягонаи таҳсилот**</u> **ва ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии таҳсилот дар воқеъ, талаботе мебошад, ки барои кишвари мо ва ҷавонону наврасон дар ростои мутобиқат ба бозори меҳнат ва таҳсилоти ҷаҳонӣ хеле муфид ва аҳамиятнок**. Аз ҳама муҳим, **дар сурати ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилот – низоми таҳсилоти кредитӣ шаҳрвандони (мутахассисони) мо имкон пайдо мекунанд, ки дар аксари кишварҳои Ғарб ҳамчун соҳибтахасус эътироф гарданд**. Яъне, назари мо дар тақвият ба ҳидоятҳои Пешвои миллат чунин аст, ки ҳоло ҳам дигар роҳ дида намешавад, пас мебояд ба ин масъала тамоми аҳли ҷомеа, аз ҷумла масъулини соҳаи илму маориф таваҷҷуҳи хосса дошта бошанд.

Зимнан, бо мақсади дастёбӣ ба эътирофи ҳуҷҷатҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат дар кишварҳои аврупоӣ аз ҷониби Сарвари кишвар чанде ташрифҳо ба кишварҳои Аврупо доир гардида буданд ва ниҳоятан шартномаҳои алоқаманд ба имзо расидаанд.

**Хулоса,** ба назари мо, низоми анъанавии таҳсилончуноне, ки мо-калонсолон онро медонем, дигар бар намегардад.

Илова бар ин, ин низом дар давраи то солҳои 2005 аҳамиятнок буд, чун 1) мавҷудияти дигар низоми устувори таҳсилро намедонистем; 2) технологияи иттилоотию инноватсионӣ ҳукмфармо набуд ва 3) талаботи бозори меҳнат ва таҳсилот мутаносибан ба якдигар мутобиқ буданд.

Имрӯз бошад, ин се омили болозикр - 1) дар ҷаҳон низоми муосир таҳсил, кредитӣ бо фарогирии беш аз 58 давлат ҳамчун фазои ягонаи таҳсил амал мекунад ва натиҷабор аст; 2) технологияи иттилоотию инноватсионӣ дар ҷомеа ва дар ҳар як оила ҳукмфармо аст ва 3) талаботи бозори меҳнат ва таҳсилот ба якдигар мутобиқ нестанд, чун ҳар лаҳза ихтисос ва ё касби наве дар фазои маҷозӣ (Интернет) ва доираи соҳибкорӣ пайдо шуда истодааст.

Дигар омил 4) бартараф кардани таъсиррасонии субъективӣ моро водор месозад, ки ба усулҳои инноватсионии таҳсил рӯ оварем, зеро танҳо техника, технологияи компютерӣ имрӯз қобил аст, ки ба ин масъала муқовимат карда тавонад, илова бар ин, дар шароити имрӯза маҳз барномаҳои компютерӣ қодир ҳастанд, ки барои санҷиши сатҳи дониш, маҳорат, малака ва салоҳияти таълимгиранда алгоритмҳои гуногун, муносиб, ҳатто зуд-зуд тағйирёбандаро амалӣ намоянд. Ин имконият медиҳад, ки аз як тараф донишҷӯ аз андешаи истифодаи шахсони сеюм барои дастёбӣ ба натиҷаҳои хуб (гузаштан аз санҷишу имтиҳонҳо) дур гардад, аз тарафи дигар масъулияти шахсии донишҷӯ баҳри омӯзишу такмили дониш ташаккул меёбад, зимнан эҳтирому нуфузи омӯзгор дар назди донишҷӯ мутаносибан хеле баланд мегардад. Чун донишҷӯ медонад, ки ягона роҳи такмили дониш ин гирифтани (омӯзиши) он аз устод аст. Албатта, устод низ, қувваи асосиро ба таҳкими василаҳои омӯзиши шогирдон равона мекунад, чун натиҷаи хуби шогирд, баҳои хуб бар заҳмати устод аст.

5) Татбиқи ҳидоятҳои роҳбарияти олии мамлакат. Пешвои миллат шахсияте ҳастанд, ки соҳиби малакаи волои таҳлилӣ ва ҳар дастуру роҳнамоие, ки пешниҳод менамоянд, асоси амиқи илмию амалӣ дошта, боиси пешрафи мамлакат ва ҳар шаҳрванд мегардад. Мисол, мактаби сулҳоварии Пешвои миллат – дар ҷаҳон ҳамто надошта, Тоҷикистонро аз вартаи нобудӣ раҳо бахшида, ба халқу миллати тоҷик ҳувияти дубора бахшид. Зимнан, гузаштан ба фазои ягонаи таҳсилот, аз ҷумла ҳамқадамӣ ва ё ҳамроҳӣ ба низоми муосири таҳсилоти Аврупоӣ ё Ғарбӣ, ки гурӯҳи зиёди кишварҳо шомиланд, ба мақсад мувофиқ аст.

Дар умум, омилҳо ва афзалиятҳои асосии низоми муосири (кредитии) таҳсилот дар таҳлили мазкур (дар боло) ишора гардидаанд; ба хонанда тавсия мегардад, ки ба онҳо назар андозад.

Ҳамин тариқ, ба назари мо ва бо дарназардошти таҳлилу омӯзишҳои боло баррасӣ ва татбиқи тавсияҳои зерин ба субъектҳои алоқаманд, ҳамчунин олимону муҳаққиқон пешниҳод мегардад:

1. Қатъ кардани ҳамагуна баҳсу мунозираҳо ва назару андешаҳо атрофи низоми анъанавии таҳсил (он дигар бар намегардад ва зарарбор низ мебошад);
2. Пурра гузаштан ба низоми муосири таҳсил (кредитӣ), аз ҷумла ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсил (низоми Аврупоии таҳсил);

   Ё инки
3. Баррасӣ кардани масъала оид ба низоми миллии таҳсил бо дарназардошти татбиқи хусусиятҳои муосир – низоми кредитӣ ва ҳамоҳангӣ бо фазои ягонаи таҳсил;
4. Таҳияи шакли ягона ва ё универсалии барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ дар ҳошияи ташаккули низоми муосири таҳсил;
5. Бартараф кардани ҳолатҳои коррупсионӣ ва ҷорӣ кардани низоми муосири таҳсил бо принсипҳои амалии аслӣ;
6. Ҷорӣ кардани рақамикунонии ҷараёни натиҷагирии соатҳои дарсӣ ва санҷишу имтиҳонҳои фосилавӣ ва солона бо принсипи ҳамбастагӣ ва ҳамгироӣ ба (аз) якдигар, ҳамзамон вобастагӣ надоштан аз субъект (на аз омӯзгор ва на аз маъмурият) бо истифода аз технологияҳои коркарди нейрошабакавӣ;
7. Назорат ва мониторинги ҷараёни татбиқи қатъии низоми муосири (кредитии) таҳсил, давра ба давра аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи маориф ва алоқа;
8. Баррасӣ кардани масъала оид ба ҷорӣ намудани ҷузъиёти низоми муосири (кредитии) таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Болонский процесс // https://journal.tinkoff.ru/guide/bologna-process/
2. Кредитная система обучения// https://almau.edu.kz/kreditnaia_sistema_obucheniia-6476
3. Положение о кредитной системе обучения в Технологическом университете Таджикистана, 2017//https://www.tut.tj/wp-content/uploads/2019/11/ПОЛОЖЕНИЕ-КСО.pdf
4. Миралиён,Қ.А.Сотсиологияи идоракунӣ: Маводи таълимӣ/А.Қ. Миралиён, С.Г.Абилова. – Душанбе: «Графика принт», 2018. - С. 316
5. В чем разница бакалавриата, специалитета и магистратуры// https://sibac.info/blog/bakalavriat-specialitet-i-magistratura-v-chem-raznica
6. Пассивность // https://vocabulary.ru/termin/passivnost.html
7. Кредит (образование)// https://ru.wikipedia.org/wiki/Кредит_(образование)
8. Болонский процесс и Европейское пространство высшего образования (ЕПВО) https://www.vsmu.by/157-o-evropejskom-prostranstve-vysshego-obrazovaniya/3220-bolonskij-protsess-i-evropejskoe-prostranstvo-vysshego-obrazovaniya-epvo.html
9. Образование в США// https://ru.wikipedia.org/wiki/Образование_в_США
10. Болонский процесс, Казахстан//https://ru.wikipedia.org/wiki/Болонский_процесс#Казахстан
11. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22.06.2023, №586// http://president.tj/node/30900
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 23.12.2022//http://president.tj/node/29823
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 23.04.2014 // http://president.tj/node/6598
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.-46 с.
15. Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҲХДТ Эмомалӣ Раҳмон, Душанбе, 2020. – С. 24-25
16. Рейтинг университетов мира//https://www.i-l.ru/blog/rejtingi-universitetov-mira-kak-v-nih-razobratsya/


## REFERENCES:


1. Bologna process // https://journal.tinkoff.ru/guide/bologna-process/
2. Credit education system // https://almau.edu.kz/kreditnaia_sistema_obucheniia-6476
3. The Statemanof the credit system of education of the Technological University of Tajikistan, 2017//https://www.tut.tj/wp-content/uploads/2019/11/REGULATIONS-CSR.pdf
4. Miraliyan K. A., Abilova G. S. Sociology of management: Educational material.-Dushanbe: "Grafika Print", 2018. - P.316
5. What is the difference between bachelor's, specialist's and master's degrees // https://sibac.info/blog/bakalavriat-specialitet-i-magistratura-v-chem-raznica
6. Passivity // https://vocabulary.ru/termin/passivnost.html
7. Credit (education) // https://ru.wikipedia.org/wiki/Credit_(education)
8. Bologna process and the European Higher Education Area (EHEA) https://www.vsmu.by/157-o-evropejskom-prostranstve-vysshego-obrazovaniya/3220-bolonskij-protsess-i-evropejskoe-prostranstvo-vysshego-obrazovaniya- epvo.html
9. Education in the USA // https://ru.wikipedia.org/wiki/Education_in_USA
10. Bologna process, Kazakhstan//https://ru.wikipedia.org/wiki/Bologna_process#Kazakhstan
11. Decree of the President of the Republic of Tajikistan "On measures to expand non-cash settlement" dated 22.06.2023, No. 586// http://president.tj/node/30900
12. Message of the President of the Republic of Tajikistan to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan - 23.12.2022//http://president.tj/node/29823
13. Message of the President of the Republic of Tajikistan to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan - 23.04.2014 // http://president.tj/node/6598
14. National development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030.- p. 46
15. Pre-election program of the candidate for the post of the President of the Republic of Tajikistan from the People's Democratic Party Emomali Rahmon, Dushanbe, 2020. - P. 24-25.
16. Рейтинг университетов мира//https://www.i-l.ru/blog/rejtingi-universitetov-mira-kak-v-nih-razobratsya/